«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон
Ғафуров, профессор
Усмонзода А.И.
_____
«06» октябри соли 2022.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи доктории Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Мавриди пажӯҳиш ва ҷустуҷӯ қарор додани хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии осори мансури яке аз адибони барҷастаи таърихи адабиётамон ва ба ин васила сухан овардан аз сабку вижагиҳои хосси эҷодиёти ин адиб аз нигоҳи имрӯз мубрамият дошта, то ба имрӯз аз ҷониби муҳаққиқон таҳқиқоти ҷиддӣ рӯйи кор наомадааст. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи Ғаффорзода Шоҳрух аз аҳаммият бархурдор буда, рисолаи муфид дар ин самт арзёбӣ мешавад.

Масоили дар ин таҳқиқ баррасишаванда, аз ҷумла, мақоми наср дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, вижагиҳои сохториву шаклӣ ва жанрии осори насрии адиб, таъйини хусусиёти мундариҷавии онҳо, вижагиҳои ҳаҷву мутоиба, танз, нақди иҷтимоӣ, хусусиятҳои сабкӣ ва воситаҳои баёну тасвироти бадеӣ то ба ҳол мавриди таҳқиқи монографӣ қарор

нагирифтаанд. Дар иртибот бар ин, мақоми ҳикоёт ва вижагиҳои онҳо дар эҷодиёти адиб, анвои ҳикоёти ӯ аз рӯйи сохтору шакл, вобаста ба чигунагии тарзи тарҳрезии онҳо дар матн, луғатнигорӣ ҳамчун жанри бадеӣ, хусусиятҳои сохториву мундариҷавии панду ҳикмат дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, ки дар диссертатсия матраҳ гардидаанд аз ҷумлаи мабоҳиси асосии таҳқиқшаванда ҳастанд ва аз аҳаммияти назарию амалӣ бархурдор мебошанд. Ҷиҳатҳои фавқуззикри осори мансури Убайди Зоконӣ то кунун дар адабиётшиносии тоҷик бо чунин тафсилу дақиқият омӯхта нашудаанд.

Ҳарчанд ки дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Убайди Зоконӣ нукоту маълумоти пуарзиш дида мешаванд, дар ҳеҷ яке аз онҳо масоиле, ки муаллифи диссертатсия зери унвони “Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ” мавриди таҳқиқ қарор додааст, ба таври амиқ ва муфассалу густарда баррасӣ нагаштаанд. Аксари таҳқиқоти муҳаққиқони фавқуззикр ё дар шакли асарҳои хурдҳаҷму мақолаҳоянд, ё дар шакли осори нисбатан бузургҳаҷм ҳам бошанд, ба як паҳлу ё як мавзуи эҷодиёти адиб бахшида шуда, вижагии фарогир надоранд ва бо чунин хусусияташон дар кушодани муаммоҳо, ҳалли масоили убайдшиносӣ кофӣ нестанд ва дар ин росто адабиётшиносии тоҷик ба таҳқиқоти густардатаре ниёз дошт.

Диссертатсияи мазкур дар ҳаҷми 370 сафҳаи чопи компютерӣ танзим шудааст ва аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат буда, бобҳои рисола ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд.

Дар муқаддима муаллифи диссертатсия дар бораи мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, усули пажӯҳиш ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навоварии он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои кор мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия – “Осори мансури Убайди Зоконӣ ва хусусияти жанрии онҳо” – аз се фасл ва фасли охир аз панҷ зерфасл таркиб ёфтааст. Фасли якуми он “Таҳаввули насри бадеӣ то замони Убайди Зоконӣ” унвон дорад.

Маълум аст, ки дар тӯли таърих дар ягон аср назму насри форсу тоҷик дар як сатҳ набуда, пайваста назм дар ташаккулу такомул будааст. Вале дар таърихи адабиёт насри адабӣ-ҳунарӣ низ муттасил рушду таҳаввул карда, ҳамчун яке аз воситаҳои асосии инъикосгари ҷаҳонбинию руҳияи миллат шинохта шудааст. Бинобар ин, бидуни дар назар гирифтани он таърихи адабиёт нокомил хоҳад монд. Аз ин ҷост, ки ин масъала таваҷҷуҳи донишмандони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст. Аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар таъйини дараҷаи иштиҳори насри классикӣ чигунагии даврабандии наср дар қаламрави таърихии адабиёти классикии форсу тоҷик мебошад. Дар диссертатсия ин масъала бо таваҷҷуҳ ба андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ баррасӣ шуда, андешаҳои худро низ баён доштааст.

Ғаффорзода Ш.Ҳ. дар диссертатсияи тозакориҳои адибро баён намуда, афзудааст, ки Убайди Зоконӣ дар арсаи насри форсии тоҷикӣ роҳу равиши тозае ба вуҷуд оварда, навъи комилан нави насри адабӣ-ҳунарӣ, осори мансури нодиртаринро кашф ва эҷод намудааст, ки то замони ӯ, дар давраи худи адиб ва баъд аз вай ба шахси дигари соҳибистеъдоде даст надодааст. Убайдуллоҳи Зоконӣ дар насри адабӣ-ҳунарӣ қуллаи хоссеро фатҳ намуд, ки он мутлақо ба адиби дигаре даст надодааст ва тозакориҳои ӯ, махсусан, дар “Ахлоқ-ул-ашроф” рисолаи “Дилкушо”, рисолаи “Садпанд”, “Даҳ фасл” ё “Таърифот” бештар манзур мегардад, ки муаллифи диссертатсия дар ин хусус дар

бобу фаслҳои диссертатсия мазкур мабоҳиси ҷолибе ба миён овардааст.

Фасли дуюми боби якуми диссертатсия “Мақоми насри бадеӣ дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ” унвон дорад.

Аз таҳқиқоти муаллифи диссертатсия ва таъкидҳои ӯ дар ин росто маълум мегардад, ки наср дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ нисбат ба назм мавқеи асосӣ дорад. Асарҳои насрии ӯ “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Ришнома”, рисолаи “Дилкушо”, “Садпанд”, “Даҳфасл”, “Мактуби қаландарон” ва “Наводир-ул-амсол” мебошанд ва дар диссертатсия асарҳои мансури Убайди Зоконӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ шуда, хасоиси умдаи онҳо баён гардидааанд, ки моро аз такрори он боз медорад ва ба таъкиди муааллифи диссертатсия Рисолаи “Дилкушо” аз ҳайси сабк ва тарзи баён яке аз содатарин ва равонтарин осори мансури асримиёнагӣ ба ҳисоб меравад ва рисолаи мазкурро метавон ҳамчун намунаи насри мурсал ба ҳисоб гирифт, бахусус, ба ҷиҳати эҷозу риояи мухтасаргӯй, ки дар матнҳои ин асар ба таври равшан эҳсос мешавад. Ин вижагӣ аз аломоти якумдараҷаи насри мурсал ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, Ғаффорзода Ш.Ҳ. чаҳор хусусияти фарққунандаи “Наводир-ул-амсол”ро аз миёни дигар осори мансури адиб дар дисертатсияаш баён намудааст.

Фасли сеюми боби якум “Мухтассоти жанрии насри Убайди Зоконӣ” номида шуда, аз панҷ зерфасл иборат аст.

Дар фасли мазкур хусусиятҳои жанрии насри адиб мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар зерфаслҳои он доир ба мухтассоти жанрии латифа, ҳикоя, луғат, амсолу панд ва мактуб (нома ё руқъа) сухан ба миён оварда, таъкид намудааст, ки ҳарчанд адиб дар пайдоиши жанрҳои мазкур саҳмгузор нест, дар рушду инкишофи шаклу мазмуни

ҳар яке аз онҳо, бахусус сохтори муҳтавоии жанрҳо, саҳми адиб қобили мулоҳиза аст.

Дар диссертатсия латифаву ҳикоёти Убайд аз назари қолаби жанрӣ, ҳаҷм, сохтори ҷумлаҳо, басомади истифодаи ҷумлаҳо дар матни чанд ҳикоят, ки аз тариқи ҷадвал муайян карда шудааст, сохтори муҳтавой, ҷанбаҳои нақлию ривоятӣ ва баъзе махсусиятҳои дигар таҳқиқ шудааст.

Дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ жанрҳои дигар ҳам қобили шинохт аст, ки инҳо памфлету пародия ва нома (мактуб, руқъа) мебошанд. Жанрҳои памфлет ва пародия дар эҷодиёти адиб хосияти умумӣ дошта, жанри нома танҳо дар сохтори як асари ҳаҷман хурде дучор мешавад, ки "Мактуби қаландарон" ном дошта, дар дохили рисолаи "Дилкушо" маҳфуз аст.

Боби дуюми диссертатсия – "Хусусиятҳои ғоявии осори мансури Убайди Зоконӣ" – аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввал "Вижагиҳои ҳаҷву мутоиба дар осори мансури Убайди Зоконӣ" унвон дорад.

Муҳаққиқон чаҳор навъи зарофатгӯиро, ки ҷавҳари умумии онҳо ханда ба ҳисоб меравад, нишон додаанд: ҳазл, ҳаҷв, фукоҳа ва танз. Аммо ба андешаи Ғаффорзода Ш.Ҳ. ҳадафи аслии ҳар кадоми онҳо, дар назари аввал, ба ханда водор кардани инсонҳо ва хурсанд намудан буда, лекин миёни онҳо баъзе фарқиятҳо ва баъзе умумиятҳои нисбӣ низ ба назар мерасанд, ки дар диссертатсия муфассал баён гардидаанд.

Ҳамин тавр, аз баррасии вижагиҳои ҳаҷву мутоиба дар осори мансури Убайди Зоконӣ ва таҳқиқоте, ки муаллиф дар ин масъала анҷом додааст маълум мешавад, ки ҳаҷвиёти Убайд аз назари вижагии ҷомеашинохтӣ аслан вокуниш ва тазодди фикрии муаллифи он нисбат ба табақаи воломақом ва бонуфузи ҷомеааш маҳсуб шуда, василаи

баён ё изҳори норизой нисбат ба сиёсати пешгирифтаи салотин ва шоҳони давр ва аъёну ашрофи даврони адиб мебошанд.

Дар фасли дуюми боби дуюм масъалаи танз ва мухтассоти он дар осори мансури Убайд таҳқиқ шудааст. Муаллиф вожаи “танз”[illegible] ро аз назари луғатшиносӣ маънидод намуда, назари хешро доир ба он баён доштааст ва мавҷуд будани танзро дар осори насрии Убайд меҳвари асосии каломи адиб донистааст, то он ҷо ки мадори сухани вай бар сутуни танз қарор гирифтааст. Дар натиҷа ин сутун боиси истеҳкому устуворӣ ва побарҷоии каломи Убайд гашта, бидуни вуҷуди он бинои каломи мансури вай рӯ ба нестӣ мениҳад.

Фасли сеюми боби дуюм ба таҳқиқи масъалаи нақди иҷтимоӣ ихтисос дорад. Интиқодоти иҷтимоие, ки дар кулли осори насрии Убайди Зоконӣ дида мешаванд, назири онҳо на танҳо дар осори муосирони вай, балки дар кулли адаби форсӣ мавҷуд нест. Убайд танқид аз авзои замонаро ба ҷониби дигар, ки бо диди аксари бузургони адаб тафовут дошт, инкишоф дод. Сабабҳои ба нақди иҷтимоӣ даст задани адиб дар диссертатсия муфассал баррасӣ шудаанд. Нуктаи ҷомеи хулосакунанда ин аст, ки авзои сиёсиву иҷтимоии даврони Убайд ба ҳадди ниҳоят муташаннич гирифтор гардида, ба таъсири он ахлоқи ҷомеа ба андозаи зиёде ба футур рафта будааст.

Дар фасли чоруми боби дуюм масъалаи афкори дидактикӣ таҳқиқ шудааст. Афкори дидактикӣ дар осори мансури Убайди Зоконӣ аз ҷумлаи вижагиҳои муҳимми муҳтавоӣ ба ҳисоб рафта, аз назари басомад қобили таваҷҷуҳ аст. Ба назари муаллифи диссертатсия яке аз хусусиятҳои муҳимми афкори ахлоқӣ-дидактикии Убайд иборат аз он аст, ки вай мавзуи илму дониш ва ҳикматро бо мавзуи иффат рабт медиҳад ва ҳар дуро дар якҷоягӣ моёи камоли ҷанбаи ахлоқии ҳар инсон мешуморад. Мавзуъҳои дигаре, ки дар консепсияи дидактикӣ-

ахлоқии Убайд муҳим буда, афкори дидактикии ҷолиберо дар иртибот бар онҳо баён намудааст, шуҷоат, саховат, ҳилм, ҳаё ва раҳмату шафқат мебошанд, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд.

Дар фасли панҷуми боби дуюм масъалаи шиква аз ҳоли худ ва нобасомониҳои рӯзгор таҳқиқ шудааст. Мазмунҳои алоқаманд ба шиква аз ҳоли худ ва нобасомониҳои рӯзгор ба таври равшан бештар дар латифаву ҳикоёти Убайди Зоконӣ тасвир шудаанд. Убайд дар тасвири рухдодҳои рӯзмарра аз худ чизе илова намекунад, ба мисли нависандагони дигар бар суханони хеш либоси тазайюноти каломӣ намепӯшонад ва аз чизи оддӣ чизи фавқулодда намесозад, балки сурати воқеаро он гуна ки ҳаст, ба таври воқеӣ ва бе муболиға баён менамояд, ки ин хасиса ба таври равшан дар "Ахлоқ-ул-ашроф" бозтоб шудааст.

Боби сеюми диссертатсия – "Хусусиятҳои бадеии насри Убайди Зоконӣ" – аз се фасл, фасли сеюм аз се зерфасл ва зерфасли севум аз ду бахш таркиб ёфтааст. Фасли якум "Эҷози сухан ва балоғати калом" унвон дорад.

Дар ин фасл ҳамин масъала бо таваҷҷуҳ ба моҳияти ҳунарии калом ва тарзи тасвир таҳқиқ шудааст. Эҷози сухан ё усули махсуси мухтасарбаёнӣ дар таърифу тавсифи мафҳумҳо ва ашё ҳамроҳ бо балоғаии калом аз ҷумлаи муҳимтарин хусусиятҳои бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ маҳсуб мешавад.

Кӯтоҳбаёнӣ дар тамоми осори адиб нақши муассир дорад. Намоёнтарин намунаи муъҷазпардозиҳои адиб таърифот ва шарҳи вожаҳо дар "Даҳфасл" мебошад, ки дар онҳо ҳар як мафҳум ба гунаи басо кӯтоҳу мухтасар маънидод шудаанд. Дар шарҳи мафҳумҳо муаллиф гоҳо ба як вожа ва баъзан бар ибораҳову ҷумлаҳои ниҳоят мухтасар иктифо кардааст. Махсусан, дар рисолаи "Дилкушо" ҳикоёту

латоифи зиёде мавҷуд мебошанд, ки матни онҳо кӯтоҳу мухтасар буда, нишон аз эҷози баёни муаллиф медиҳанд.

Фасли дуюми боби сеюм “Унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ” унвон гузорӣ шуда, дар он унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ дар осори мансури адиб мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Дар латоифу ҳикоёти адиб, ҳам дар “Ахлоқ-ул-ашроф”, ки имтизоҷи чанд жанри насрӣ дар он дида мешавад, ҳам дар луғатнома ва ҳам дар пандномаҳову амсолаш як навъ руҳи мардумӣ ва назари мардуми кӯчаву бозор эҳсос мешавад. Ин ҳамоҳангӣ бо тарзи каломи кӯчаву бозор дар насри Убайд як навъ содагӣ ва равониро ато намудааст, ки ҳикоят аз саҳли мумтанеъ менамояд ва ин вижагӣ аз дараҷаи маъруфият пайдо кардани каломи нависанда дар ҷомеа низ дарак медиҳад ва дар навбати худ, баъзе аз суханони вай миёни мардум ба сифати мақол даромадаанд. Масалан, қавли “Мардон дар майдон ҷаҳанд, мо дар каҳдон ҷаҳем”, ки дар “Ахлоқ-ул-ашроф” омадааст, хусусияти унсури фолклориро касб кардааст.

Фасли сеюми боби сеюм “Сабк ва тарзи баён” унвон дошта, аз се зерфасл иборат аст. Бо таваҷҷуҳ ба мабоҳиси аслии сабкшиносӣ дар зерфаслҳо мабоҳиси мурбут ба хусусиятҳои забонӣ, мухтассоти фикрӣ, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ таҳқиқ шудаанд.

Осори насрии Убайди Зоконӣ дорои хусусиятҳои зиёди забонию услубӣ ва фикрию адабии фарқкунанда буда, аз рӯйи басомади онҳо сабки нависандагии адибро, ки махсуси худӣ ӯст, метавон муайян кард.

Муҳимтарин вижагиҳои мухтассоти сабксози мазкурро, ки дар маҷмуъ, дорои сабки фардӣ будани Убайди Зокониро таъйин мекунанд, дар диссертатсия баррасӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар ин хусус мувофиқи назарияи шинохти сабки фардии адиб дар се сатҳ: хусусиятҳои забонӣ, мухтассоти фикрӣ ва вижагиҳои адабӣ

(воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ) пажӯҳиш анҷом дода, ба мақсади хеш расидааст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқи Ғаффорзода Ш.Ҳ. баён гардидаанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардида, дар хулоса муҳимтарин натиҷаҳои муаллифи рисола зикр шудаанд.

Ғаффорзода Ш.Ҳ. дар ҷараёни пажӯҳиш маводи хеле зиёд ва арзишманде гирд овардааст ва барои эътимод бахшидан ба андешаҳои хеш ба осори таълифшудаи асримиёнагӣ ва асарҳои тадқиқотии адабиётшиносии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намуда, гоҳо ба андешаҳои онҳо ба назари интиқод нигаристааст.

Диссертатсия бо забони хеле хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад ва диссертант аз равишҳои таҳқиқии муосир, аз қабили, муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, китобхонаӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ истифода карда, бори аввал ба таври комплексӣ масъалаҳои марбут ба осори насрии Убайди Зоконирро дар қолаби монографӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст кардааст. Илова бар ин, муаллифи диссертатсия хусусиятҳои осори насрии Убайди Зоконирро мушаххас кардааст.

Дар диссертатсияи мавриди тақриз дар радифи комёбиҳои фаровон баъзе нуктаҳои баҳсталаб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба назар гирифтани он боиси болоравии ҳусни рисола хоҳад гардид:

1. Фасли аввали боби якуми рисола ба масъалаи таҳаввули насри бадеӣ то замони Убйди Зоконӣ бахшида шудааст. Ҳангоми мутолиа ба назар мерасад, ки бештари маврид диссертант ба дидгоҳҳои

донишмандон ва муҳаққиқони дигар такя кардааст, назари интиқодӣ камтар ба мушоҳида мерасад. Баробари ин, мабоҳисе дар ин фасл низ ҷой доранд, ки ба асли таҳқиқоти рисола марбут нестанд. Аз ҷумла, масъалаи таъсири "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ ба ташаккули насри классикии форсу тоҷик ва муқоисаи он бо "Хористон"-и Маҷди Хофӣ аз доираи баҳси аслии рисола берун аст, ки ба ин матлаб худи муаллиф низ ишорат кардааст: "Ин масъала ҳам таҳқиқи бештар мехоҳад, ки аз доираи мавзӯи мо хориҷ аст" (саҳ. 40).

2. Дар ҷараёни таҳқиқ гоҳо маврид муаллиф нақду назари донишмандонро мазмунан нақл карда, аммо ба сарчашмаи он ишорат накардааст. Масалан, дар саҳифаи 31 муаллиф менависад, ки Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар "Таърихи муфассали Эрон" ёдовар мешавад, ки....", аммо манбаи ин гуфтор дар охири он зикр нагардидааст.

3. Дар саҳифаҳои 83-85 ҷадвали басомади истифодаи ҷумлаҳо дар матни чанд ҳикоят дар се рисолаи адиб, дар саҳифаҳои 254-256 ҷадвали симоҳои маҷҳули ҳикоёт ва латоиф ва дар саҳифаҳои 292-294 ҷадвали саҷъи мутарраф дар осори Убайди Зоконӣ оварда шудааст, ки дар ҳақиқат ҳосили пажӯҳиши амиқи муаллиф ба шумор мераванд. Ба назари мо, ба замимаи диссертатсия бурдани онҳо мувофиқи мақсад аст.

4. Ҳангоми овардани баъзе намунаҳои шеърӣ баъзе иштибоҳот ба назар мерасад, ки он боиси халалдор гардидани вазни онҳо низ гардидааст. Масалан, дар саҳифаҳои 324, 326 порчаҳои шеърии зерин бо ғалат нақл шудаанд:

Саъдӣ хатти сабз дӯст дорад,

На ҳар улфатии ҷуволдӯзе.

"Ҳар" дар ин мисраъ зиёд аст". Дар мисраи аввал низ ба хотири риояти вазн бояд вожаи хатти бо як "т" навишта шавад.

З-ин сақф бурун равоқу даҳлезе нест,

Ҷуз бо ману ту ақлеву тамйизе нест.

Ночиз, ки ваҳм кардаӣ, к-он чизе ҳаст,

Хуш бигзар аз ин хаёл к-он чизе ҳаст.

Дар мисраи сеюм дар калимаи кардаӣ “ӣ” зиёд аст ва он боис ба халал ёфтани вазн гардидааст.

5. Номи асари Муҳаммад Афвии Бухороӣ дар саҳифаи 36 ба сурати “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт” оварда шудааст. Шакли дурусти он “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт” мебошад.

6. Дар дохили матни диссертатсия гоҳо маврид диссертант ҳангоми ишорат ба рӯйхати адабиёт онро ҳамчун “Китобнома” ном мебарад (саҳ. 16, 23, 256), вале унвони ин бахши диссертатсия ҳам дар мундарича ва ҳам дар оғози қисмати мазкур “Рӯйхати адабиёт” зикр шудааст. Ин шева дар муқаддимаи диссертатсия ҳангоми муаррифии сохтори он низ ба чашм мерасад (саҳ. 23).

7. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ низ ба чашм мерасанд. Хосатан, гоҳо маврид дар иқтибосоти аз осори форсӣ баргардоншуда чунин иштибоҳот дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо арзиши таълифи мазкурро меафзояд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба сифати рисола таъсир намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 18 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи доктории Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, тадқиқоти пурраи анҷомёфта маҳсуб гардида, ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" аз 4-уми октябри соли 2022, суратҷаласаи № 2 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров
Ӯрунова Мавҷуда Рустамовна

Эксперт:
доктори илми филология, дотсенти
кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров
Нуров Нуралӣ Норович

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илми филология, сармуаллими
кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров
Азизов Сорбон Саъдуллоевич

Имзоҳои н.и.ф., Ӯрунова М.Р., д.и.ф. Нуров Н.Н. ва Азизов С.С..-ро **тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров
Наврӯзов Эҳсон Маъмурович
«04» октябри соли 2022.

Суроғаи муассисаи пешбар:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;
e-mail: rector@hgu.tj Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj